**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАКУЛТЕТИ МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ**

**ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ**

**ФАКУЛЬТЕТ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЙ**

734025, ш. Душанбе, шаҳраки донишҷӯён, б.11

734025, г. Душанбе, Студенческий городок, к.11

аз «27» майи соли 2023 сод.№ ___

# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, санаи 29 сентябри соли 2023 баргузор намудани мизи гирди ҷумҳуриявии илмию назариявиро таҳти унвони “**Сиёсати хориҷии Тоҷикистон: дар шароити навини геополитикӣ ва дурнамои рушди он”,** бахшида ба ҷашни истиқлолияти давлатӣ ва Рӯзи кормандони хадамоти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба нақша гирифтааст. Дар кори мизи гирд иштироки олимон, муҳаққиқон, коршиносон, мутахассисони ватаниву хориҷӣ ва намояндагони вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ, институтҳои илмию тадқиқотӣ, донишгоҳу донишкадаҳои ҷумҳурӣ, намояндагони корпуси дипломатӣ дар назар аст.

**Ҳадаф:** таҳлил ва баррасии вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити нави геополитикӣ.

**Мавзӯҳои асосии муҳокимашаванда:**

1. Ташаккул ва таҳаввули сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар шароити нави геополитикии минтақа ва ҷаҳон;
2. Афзалиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи кунунӣ;
3. Хусусиятҳои асосии сиёсати минтақавии Тоҷикистон дар Осиёи Марказӣ;
4. Таҳлил ва баррасии масоили мубрами сиёсати хориҷӣ ва дипломатияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон;
5. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва таҳдиду чолишҳои муосири минтақавӣ ва глобалӣ.
6. Мушкилоти сарҳадӣ дар водии Фарғона.
7. Таъмини иттилоотию таҳлилии сиёсати хориҷии Тоҷикистон.

**Забонҳои корӣ:** тоҷикӣ, русӣ.

**Макони баргузорӣ:** ДМТ, Шаҳраки донишҷӯён, бинои 10, толори профессор Ҳусейнзода.

**Оғози кор**: соати 09:00.

Иштирок дар мизи гирд дар шакли ҳузурӣ амалӣ мешавад. Даъватнома барои иштирок баъд аз пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ (дархост ва матни фишурда/мақола) ирсол мегардад.

Кумитаи тадорукот аз муаллифон хоҳиш менамоянд, ки ҳангоми таҳия фишурдаҳо/мақолаҳо қоидаҳои зеринро риоя намоянд:

- саҳифаи андозааш А4, шакли китобӣ, ҳошияҳо аз чор тараф – 20мм;
- хуруфи шакли Times New Roman Times New Roman бо андозаи – 14;
- сатри якум – ҳарфи аввали ном ва номи падар, насаби муаллиф, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ, ҷойи кор, баробаркунии матн аз тарафи рост;
- сатри дуюм – номи мақола БО ҲАРФҲОИ КАЛОН бо баробарии матн дар байни саҳифа;
- сатри сеюм – матни асосӣ, дар таҳриргари матнии MS Word ҳуруфчинӣ шудааст, фосилаи байнисатри 1,5 баробаркунии матн бо паҳноии саҳифа;
- рӯйхати адабиёт дар охири матн баъд аз ибораи «Адабиёти истифодашуда» оварда шуда, бо тартиби алифбоӣ омода карда мешавад. Ҳуруфи оддӣ, андозаи 12;
- ишора ба адабиёти истифодашуда дар матн ҳатмӣ буда дар шакли [2,45] омода карда мешавад, дар ин ҷо рақами аввал рақами тартибии сарчашма дар рӯйхати адабиёт ва рақами дуввум саҳифаи он мебошад;

- ҳаҷми матни фишурда/мақола на бештар аз 20 саҳифа (бо расм, ҷадвал ва рӯйхати адабиёти истифодашуда). Мақолаҳо бояд бо аннотатсия (фишурда) ба се забон ҷамъбаст гардад.

Ҳамаи маводҳои илмии аз ҷониби кумитаи тадорукот тавсиягардида ба маҷмӯаи илмӣ ворид гардида дар платформаҳои бақайдгирии индекси иқтибосҳои илмӣ (азҷумла сомонаи elibrary.ru) ҷойгир карда мешаванд.

Дархост барои иштирок ва матни мақолаҳо бояд то **25 сентябри соли 2022** ба почтаи электронии farrukh.n.salimov@gmail.com ирсол карда шаванд.

Намунаи дархост барои иштирок:

| | |
|---|---|
| 1. Ном ва насаб; | 4.суроға, телефон, e-mail |
| 2. ташкилот; | 5. номи маърӯза; |
| 3. дараҷаи илмӣ, унвон; | 6. шакли иштирок (бевосита/ғоибона). |

Барои гирифтани маълумоти иловагӣ бо рақами (+992) 918 61 48 86 тамос гиред.

Кумитаи тадорукот